«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон
д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р.
____________________
«_12_» __05__________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи: «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ таҳия гардидааст. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба самтҳои асосии шиносномаи ихтисоси мазкур мутобиқ буда, масъалаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, моҳияти давлати иҷтимоӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоиро дар доираи ҳуқуқи конститутсионӣ фаро мегирад.

Дар рисола масъалаҳое мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки бевосита ба мақоми конститутсионии инсон ва шаҳрванд, вазифаҳои иҷтимоии давлат, роҳҳои ҳаллӣ таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур аз рӯйи мазмун, объект, предмет, мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳои пешниҳодшуда ба ихтисоси илмии дархостшаванда мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи диссертатсия, пеш аз ҳама, аз он бармеояд, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии иҷтимоии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, мазмуни амалии принсипи

давлати иҷтимоиро ифода менамояд. Эълон гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ дар Конститутсия на танҳо аҳаммияти сиёсӣ ва арзишӣ дорад, балки давлатро вазифадор месозад, ки барои шаҳрвандон шароити зиндагии шоиста, ҳифзи иҷтимоӣ, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир ва кафолатҳои муассири ҳуқуқиро таъмин намояд. Аз ин рӯ, масъалаи таъминоти иҷтимоӣ танҳо ба соҳаи иҷтимоӣ маҳдуд набуда, бо асосҳои конститутсионии давлатдорӣ, мақоми ҳуқуқии шахс, сиёсати давлатӣ, адолати иҷтимоӣ ва сатҳи воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон робитаи мустақим дорад.

Дар шароити рушди давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ масъалаи самаранокии танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, мутобиқати қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, шаффофияти расмиёти маъмурӣ, дастрасии шаҳрвандон ба кумакҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшуда аҳаммияти рӯзафзун пайдо мекунад. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҳолатҳои пиронсолӣ, беморӣ, маъюбӣ, аз даст додани қобилияти меҳнат, талафи саробон ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун кафолат дода мешавад. Бинобар ин, сифати танзим ва татбиқи ин ҳуқуқ ба вазъи воқеии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, сатҳи зиндагии шаҳрвандон ва эътимоди ҷомеа ба сиёсати иҷтимоии давлат таъсири бевосита мерасонад.

Тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ, афзоиши эҳтиёҷ ба шаклҳои гуногуни дастгирии иҷтимоӣ, зарурати ҳадафманд гардонидани кумакҳо, пешгирии расмиёти зиёдатии маъмурӣ ва таъмин намудани дастрасии воқеии шаҳрвандон ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ тақозо менамояд, ки масъалаи мазкур аз нигоҳи илмӣ ҳамаҷониба таҳқиқ карда шавад.

Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки дар қонунгузории амалкунанда дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ то ҳол баъзе номувофиқатӣ, парокандагии меъёрӣ, номуайянии истилоҳотӣ ва нокифоя будани роҳҳалҳои пешазсудии ҳимоя мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, масъалаи таносуби мафҳумҳои «ҳимояи иҷтимоӣ» ва «таъминоти иҷтимоӣ», тартиби шикоят аз қарорҳои мақомоти ваколатдор, нақши мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар назорат, инчунин шаклҳои судӣ ва ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқ ба таҳлили амиқи илмӣ ниёз доранд. Номукаммалии чунин механизмҳо метавонад ба татбиқи нопурраи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва паст гардидани сатҳи ҳифзи ҳуқуқии шаҳрвандон оварда расонад.

Бо ҳамин асос, таҳқиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҳам аз нуқтаи назари назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ дорои аҳаммияти муҳим мебошад. Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба талаботи рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ,

такмили қонунгузории иҷтимоӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таҳкими кафолатҳои воқеии ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ мебошад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар сатҳи зарурии илмӣ қарор дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили маҷмуии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузории миллӣ, санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин маводи вобаста ба амалияи татбиқи ҳуқуқ асос ёфтаанд. Ин заминаи васеи назариявӣ ва меъёрӣ ба муаллиф имконият додааст, ки мавзуъро на танҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқи конститутсионӣ, балки дар робита бо сиёсати иҷтимоии давлат, кафолатҳои ҳуқуқҳои инсон ва механизмҳои амалии ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқиро, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таҳлил ва синтез, таърихию ҳуқуқӣ, муқоисавию ҳуқуқӣ, низомӣ-сохторӣ ва расмӣ-мантиқиро истифода кардааст. Истифодаи ин усулҳо имкон додааст, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун меъёри эълоншудаи конститутсионӣ, балки ҳамчун низоми мураккаби муносибатҳои ҳуқуқӣ, сиёсати иҷтимоӣ, кафолатҳои моддӣ, расмиёти маъмурӣ ва механизмҳои ҳимоя баррасӣ карда шавад. Махсусан, равиши низомӣ-сохторӣ ба муаллиф имконият додааст, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро дар робита бо дигар ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таҳлил намуда, ҷойгоҳи онро дар мақоми конститутсионии инсон ва шаҳрванд муайян намояд.

Асоснокии хулосаҳои илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо аз муҳтавои таҳқиқот ба таври мантиқӣ бармеоянд ва ба мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ мувофиқат мекунанд. Муаллиф масъалаҳои асосии мавзуъ, аз ҷумла моҳияти давлати иҷтимоӣ, мазмун ва самтҳои сиёсати иҷтимоӣ, хусусияти ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, танзими ҳуқуқии он, низоми кафолатҳо ва роҳҳалҳои ҳимояи ин ҳуқуқро пайдарпай таҳлил намудааст. Чунин пайдарпайӣ ба диссертатсия хусусияти мантиқӣ ва илмӣ дода, имкон медиҳад, ки хулосаҳои пешниҳодшуда асоснок ва бо мазмуни умумии кор алоқаманд арзёбӣ гарданд.

Ҳамзамон, пешниҳодҳои муаллиф хусусияти амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, таҳияи барномаҳои давлатӣ дар

соҳаи сиёсати иҷтимоӣ, инчунин дар раванди таълим ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ истифода шаванд. Бо дарназардошти ин, метавон хулоса намуд, ки гузориши илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда дорои дараҷаи кофии асоснокӣ буда, мазмунан ба талаботи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар он ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун унсури муҳимми низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври маҷмуӣ ва низомнок таҳлил гардидааст. Дар рисола кӯшиш шудааст, ки асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии сиёсати иҷтимоӣ, мазмун ва хусусиятҳои ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, танзими ҳуқуқӣ, кафолатҳо ва роҳҳои ҳалли ҳимояи ин ҳуқуқ дар пайвастагӣ бо принсипи давлати иҷтимоӣ таҳқиқ карда шаванд. Чунин тарзи таҳқиқ имкон додааст, ки мавзуъ на танҳо ҳамчун масъалаи соҳавии таъминоти иҷтимоӣ, балки ҳамчун масъалаи дорои аҳаммияти конститутсионӣ ва умумиҳуқуқӣ арзёбӣ гардад.

Ҷиҳати муҳими навгонии илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки диссертант ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро дар робита бо моҳияти давлати иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои конститутсионии давлат мавриди таҳлил қарор додааст. Дар таҳқиқот нишон дода мешавад, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ яке аз воситаҳои асосии амалисозии принсипи давлати иҷтимоӣ буда, тавассути он давлат уҳдадории худро дар самти таъмини зиндагии шоиста, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир ва коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ амалӣ менамояд. Ин равиш ба таҳкими фаҳмиши илмии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун ҳуқуқи дорои мазмуни комплексӣ ва бисёрсатҳӣ мусоидат мекунад.

Дар доираи таҳқиқот муаллиф як қатор масъалаҳои назариявию амалӣ, аз ҷумла табиати бисёрҷанбаи мафҳуми «давлати иҷтимоӣ», равишҳои гуногун ба фаҳмиши он, мазмуни сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, табиати комплексии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, таносуби мафҳумҳои «ҳимояи иҷтимоӣ» ва «таъминоти иҷтимоӣ», таснифи танзими ҳуқуқии ин ҳуқуқ ба моддӣ, расмиётӣ ва мурофиавӣ, инчунин шаклҳои юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионии ҳимояро таҳлил намудааст. Баррасии чунин масъалаҳо ба муаллиф имконият додааст, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро ҳамчун падидаи ҳуқуқии мураккаб, ки ҳамзамон ҷанбаҳои конститутсионӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва мурофиавиро дар бар мегирад, асоснок намояд.

Навгонии дигари рисола дар он ифода меёбад, ки дар он масъалаи таносуби «ҳимояи иҷтимоӣ» ва «таъминоти иҷтимоӣ» ба таври мустақилона таҳлил гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки «ҳимояи иҷтимоӣ» мафҳуми васеътар буда, самти умумии сиёсати иҷтимоии давлатро ифода менамояд, дар ҳоле ки «таъминоти иҷтимоӣ» шакли мушаххаси ҳуқуқӣ ва ниҳодии татбиқи ин сиёсат мебошад. Чунин хулоса аз ҷиҳати назариявӣ аҳаммиятнок буда, барои дақиқ намудани истилоҳоти ҳуқуқӣ, бартараф намудани номуайяниҳо дар қонунгузории иҷтимоӣ ва ташаккули равиши ягона ба танзими ҳуқуқҳои иҷтимоӣ мусоидат карда метавонад.

Ҷиҳати дигари муҳимми навгонӣ дар он аст, ки диссертант танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро ба се сатҳи асосӣ: моддӣ, расмиётӣ ва мурофиавӣ ҷудо намуда, ҳар яке аз онҳоро аз нуқтаи назари нақш ва аҳаммияти ҳуқуқӣ таҳлил кардааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ на танҳо аз ҷиҳати эътирофи меъёрӣ, балки аз ҷиҳати тартиби татбиқ ва ҳимояи он арзёбӣ карда шавад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки мавҷудияти ҳуқуқ дар сатҳи Конститутсия ва қонунгузорӣ кофӣ нест, агар расмиёти дастрас, шаффоф ва муассири амалисозӣ ва ҳимояи он таъмин карда нашаванд.

Саҳеҳият ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот бо такя ба сарчашмаҳои муътамади ҳуқуқӣ, истифодаи усулҳои мувофиқи илмӣ, таҳлили адабиёти васеи ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин пайдарпайии мантиқии хулосаҳо таъмин мегардад. Муаллиф дар таҳқиқот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳавӣ, санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, маводи илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҳлили ҳолати қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ такя намудааст. Ин ҳолат ба натиҷаҳои бадастомада асоснокӣ ва эътимоднокии илмӣ мебахшад.

Натиҷаҳои бадастомада бо мазмун ва сохтори диссертатсия мутобиқ буда, аз сатҳи кофии мустақилияти илмии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ дар қисматҳои гуногуни рисола ба таври пайдарпай асоснок гардида, бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки навгонии илмӣ, саҳеҳият ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳи зарурӣ қарор дошта, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили қонунгузории иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ, махсусан назарияи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, мақоми конститутсионии инсон ва шаҳрванд ва назарияи давлати иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Хулосаҳои муаллиф барои амиқтар дарк намудани моҳияти ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, робитаи он бо сиёсати иҷтимоӣ ва кафолатҳои ҳуқуқии татбиқ аҳаммияти назариявӣ доранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти судӣ ва маъмурӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва маводи методӣ аз фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки такмили низоми ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ, рақамикунонии расмиёт, муқаррар намудани тартиби ягонаи шикоятбарорӣ ва тақвияти назорати ҷамъиятӣ метавонанд ба истифодаи самараноки маблағҳои иҷтимоӣ, коҳиши монеаҳои маъмурӣ, паст шудани хавфҳои коррупсионӣ ва баланд гардидани шаффофияти тақсими захираҳои иҷтимоӣ мусоидат намоянд.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки татбиқи хулосаҳои он ба таҳкими адолати иҷтимоӣ, ҳифзи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, баланд бардоштани дастрасии шаҳрвандон ба кумакҳои иҷтимоӣ, афзоиши эътимод ба мақомоти давлатӣ ва мустаҳкам намудани пояҳои давлати иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо истифодаи манбаъҳои гуногуни назариявӣ, меъёрӣ ва амалӣ, инчунин бо татбиқи усулҳои мувофиқи илмӣ таъмин гардидааст. Муаллиф ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузории амалкунанда, санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ ва маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ такя намудааст.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо он тасдиқ мегардад, ки хулосаҳои муаллиф аз таҳлили пайдарпайи мавзуъ бармеоянд ва бо мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот мутобиқат доранд. Рисола дорои сохтори мантиқӣ

буда, ҳар як боб масъалаи муайяни илмиро ҳал мекунад ва ба хулосаҳои умумии таҳқиқот замина мегузорад.

Асоснокии тавсияҳои амалӣ аз он бармеояд, ки онҳо ба мушкилоти воқеии қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, пешниҳоди муаллиф оид ба ягона гардонидани тартиби шикоят аз қарорҳои мақомоти ваколатдор дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ ва тақвияти нақши назорати ҷамъиятӣ дар низоми суғуртаи иҷтимоӣ дорои хусусияти мушаххас ва қобили татбиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии Рисолати Раҷабалӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи мустақилонаи консепсияи илмии таҳқиқ, интихоби мавзуъ, муайян намудани мақсад ва вазифаҳо, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи назариявӣ ва меъёрӣ, инчунин дар ироаи хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ифода меёбад.

Муаллиф мустақилона масъалаҳои асосии марбут ба ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ, моҳияти сиёсати иҷтимоӣ ва давлати иҷтимоӣ, кафолатҳо ва роҳҳои ҳимояи ин ҳуқуқро таҳлил намуда, барои такмили қонунгузорӣ пешниҳодҳои мушаххас ироа кардааст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар мақолаҳо ва маърузаҳои илмии довталаб инъикос ёфта, дар онҳо масъалаҳои асосии рисола, аз ҷумла принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ, таносуби таъминоти иҷтимоӣ ва ҳимояи иҷтимоӣ, танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва кафолатҳои ҳуқуқии татбиқи ин ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандае ба табъ расидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ва 5 мақолаи дигар дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп гардидаанд.

Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

**I. Маќолањое, ки дар маљаллањои таќризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Љумњурии Тољикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Рисолати, Р. Принципы социальной политики государства [Текст] / Р. Рисолат // Вестник филиала Московкого государственного университета имени

М.В.Ломоносова в городе Душанбе. 2025. – Том 2, № 1 (46) – С. 220-226. ISSN 2709-6246

[2-М] Рисолати, Р. Некоторые аспекты соотношения понятий «социальное обоспечение» и «социальная защита» [Текст] / Р. Рисолат // Вестник филиала Московкого государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе. 2025. – Том 2, № 2 (48) – С. 279-292. ISSN 2709-6246

[3-М] Рисолати, Р. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р. Рисолати // Қонунгузорӣ – 2025. – №. 4 (60). – С. 251-260. ISSN: 2410-2903

[4-М] Рисолати, Р. Танзими ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар санадҳои байналмиллалӣ [Матн] / Р. Рисолати // Пайёми донишгоҳи омузгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. 2025. – № 4 (20) – С.151-160. ISSN: 2710-4672

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд**

[5-М] Рисолати, Р. Сущность Республики Таджикистан как социального государства [Текст] / Рисолати Р // Материалы республиканской научно-практической конференции «Конститутция – как фактор стабильности государства». Душанбе, 2022. – С. 293-299.

[6-М] Рисолати, Р. Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ. [Матн] / Р.Рисолат // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақши Конститутсия дар амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат». Душанбе, 2022. – С.36-42.

[7-М] Рисолати, Р. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии инсон [Матн] / С.М. Салоҳидинова, Р. Рисолат // Вестник филиала Московкого государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе. 2024. – Том 2, № 2 (40) – С. 113-125. ISSN 2709-6246

[8-М] Рисолати, Р. Конститутционные основы и механизмы реализации социальной политики в Республике Таджикистан [Текст] / С.М. Салохидинова Р. Рисолат // Материалы международной научно-практической конференции XV Ломоносовские чтения «Кооперация науки и национально – ориентированных стратегий: цифровая модернизация и инновационное развитие». Часть II. Гуманитарные науки. Душанбе, 2025. – С. 455-462

[9-М] Рисолати, Р. Юридические гарантии реализации конституционного права на социальное обеспечение [Текст] / С.М. Салохидинова Р. Рисолат //

Конститутсия ва рушди маърифати ҳуқуқӣ дар даврони истиқлоли давлатӣ. Монографияи коллективӣ. – Душанбе: ДМТ, 2025. – С.305 -321.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва интишороти илмӣ ба таври мураттаб баён шудаанд.

**Сохтори диссертатсия** ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, аз номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола 199 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Боби якуми диссертатсия**: «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таҳлили моҳияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ ва мафҳум, мазмун ва принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар ин боб таҳаввули таърихии ғояи давлати иҷтимоӣ, мавқеҳои назариявӣ ба фаҳмиши он, моделҳои давлати иҷтимоӣ ва хусусиятҳои ташаккули тарҳи миллии давлати иҷтимоиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст. Ҳамзамон, сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун самти асосии татбиқи функсияи иҷтимоии давлат ва воситаи таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон баррасӣ шудааст.

Ҳангоми таҳлили моҳияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ муаллиф ба таври асоснок зикр намудааст, ки «Конститутсияи ҶТ, ба мисли конститутсияҳои кишварҳои дигар муқарраротеро дар бораи иҷтимоӣ будани давлат мустаҳкам менамояд, ки самти сиёсати онро ба фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста ва рушди озоди инсон равона месозад. Аммо дар сатҳи қонунгузорӣ таърифи дақиқи мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» мавҷуд нест, ки ин ҳолат ҳам дар муҳити илмӣ ва ҳам дар амалия баҳсҳоро ба миён меорад» (саҳ.28). Баъдан муаллиф дар асоси таҳлили андешаҳои гуногуни олимон таърифи муаллифии худро доир ба мафҳуми давлати иҷтимоӣ пешниҳод намудааст, ки мутобиқи он «давлати иҷтимоӣ давлате мебошад, ки инсонро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намуда, уҳдадор мешавад ба шаҳрвандон шароити

шоистаи зиндагӣ, озодии рушд ва имконияти амалӣ намудани иқтидори инсонӣ фароҳам оварад; ҳамзамон, дар доираи он масъулияти иҷтимоии давлат дар назди шаҳрвандон ва ҷомеа ҳамчун хусусияти бунёдии фаъолияти давлатӣ татбиқ мегардад» (саҳ.37).

Дар доираи боби мазкур, инчунин мафҳум, мазмун ва принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳаматарафа таҳлил гардидааст.

Аз лиҳози мухтаво, сиёсати иҷтимоиро метавон ҳамчун маҷмуи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии равонашуда ба танзими соҳаи иҷтимоӣ, ҳимояи аҳолӣ аз оқибатҳои манфии равандҳои иҷтимоӣ (аз қабили бекорӣ, таваррум, болоравии нархҳо), инчунин таъмини рушди устувори зерсохтори иҷтимоӣ тавсиф намуд. Ҷузъи муҳимми ин тадбирҳо ҳифзи иҷтимоӣ мебошад, ки нафақаҳои давлатӣ, кумакпулиҳо, ҷубронпулиҳо, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро дар бар мегирад.

Бо ибораи дигар, сиёсати иҷтимоӣ на танҳо маҷмуи барномаҳо ва чорабиниҳо, балки низоми мукаммалу бисёрзинагиест, ки дар стратегияи умумии давлат муттаҳид гардида, ба таъмини суботи иҷтимоӣ, рушди сармояи инсонӣ ва татбиқи принсипҳои давлати иҷтимоӣ равона шудааст (саҳ.55).

Ба андешаи муаллиф сиёсати иҷтимоӣ ба принсипҳои зерин асос меёбанд: принсипи ҳифзи сатҳи зиндагии аҳолӣ, принсипи дастгирии иҷтимоӣ дар ҳолати бекорӣ, принсипи дастгирии ҳадафноки оилаҳои камбизоат, принсипи ҳифзи иҷтимоии аҳолии фаъол аз ҷиҳати меҳнат, принсипи рушди зерсохтори иҷтимоӣ, принсипи мусоидат ба рушди тахассуси касбӣ (саҳ.56-59). Татбиқи принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ дар ҶТ самти амалӣ пайдо карда, тавассути низоми тадбирҳои давлатӣ, роҳҳалҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои мушаххаси иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

**Боби дуюм – «Мазмуни ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва танзими он дар сатҳи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили мафҳум, моҳият, ҷойгоҳи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин асосҳои танзими ҳуқуқии он бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои муҳимми иҷтимоӣ ва унсури таркибии мақоми конститутсионии шахс баррасӣ менамояд.

Дар зербоби якум диссертант нишон медиҳад, ки дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҷойгоҳи махсус ва мутаҳидкунандаро ишғол

менамоянд, зеро онҳо амалӣ гардидани ниёзҳои ҳаётии шахсро таъмин намуда, ба ташаккули тартиботи устувори иҷтимоӣ мусоидат мекунанд (саҳ.63).

Ин ҳуқуқ дар ҳолатҳои пиронсолӣ, беморӣ, маъюбӣ, аз даст додани қобилияти меҳнат, талафи саробон ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун амалӣ мегардад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ на танҳо дигар гурӯҳҳои ҳуқуқи инсонро тақвият ва мушаххас менамоянд, балки инчунин вазифаи муҳимми иҷтимоиро иҷро мекунанд, ки ба ҳамгироии шахс ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси баробарӣ ва эҳтироми арзишҳои инсонӣ равона гардидааст. Амалӣ гардидани онҳо иштироки фаъоли давлатро тақозо менамояд, ки дар доираи принсипҳои волоияти қонун ва масъулияти иҷтимоӣ дар назди шаҳрвандон фаъолият мекунад (саҳ.65).

Дар боб инчунин ҷойгоҳи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳои инсон таҳлил гардидааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, аз як тараф, ҳамчун зернизоми мустақили ҳуқуқи инсон эътироф мешаванд, аз ҷониби дигар, бо тамоми сохтори он робитаи ҷудонопазир доранд. Эътироф, мушаххассозӣ ва татбиқи амалии онҳо на танҳо аз танзими меъёрии ҳуқуқӣ, балки аз шароити воқеии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки давлат дар доираи он фаъолият менамояд, вобаста аст. Дар шароити ташаккули давлати иҷтимоӣ, ки ҶТ низ ҳамин самти рушдро интихоб намудааст, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ба унсури калидии сиёсати ҳуқуқӣ табдил ёфта, ба ҳифзи шаъну шарафи инсон, таъмини адолати иҷтимоӣ ва таҳкими ҳамбастагии ҷомеа равона мегарданд (саҳ.72).

Дар зербоби дуюм масъалаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф танзими ҳуқуқии ин ҳуқуқро ба се самти асосӣ: моддӣ, расмиётӣ ва мурофиавӣ ҷудо менамояд. Танзими моддӣ мазмун, асосҳо ва намудҳои таъминоти иҷтимоиро муайян мекунад; танзими расмиётӣ тартиби мурочиат, баррасии аризаҳо ва таъини пардохтҳоро ба низом медарорад; танзими мурофиавӣ бошад, роҳҳои ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшударо пешбинӣ менамояд.

Муаллиф ба нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқӣ диққати махсус дода, нишон медиҳад, ки моддаи 39 Конститутсия ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро кафолат медиҳад. Ҳамзамон, қонунгузории соҳавӣ дар бораи нафақа, суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии маъюбон, кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар баробари ин, диссертант ба баъзе мушкилоти соҳа, аз ҷумла парокандагии меъёрӣ, номукаммалии расмиёти

маъмурӣ ва зарурати рақамикунонии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ишора менамояд.

**Боби сеюм – «Кафолатҳо ва роҳҳалҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ»** ба таҳлили низоми кафолатҳои ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳимояи ин ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро на танҳо ҳамчун ҳуқуқи эътирофшудаи конститутсионӣ, балки ҳамчун ҳуқуқе баррасӣ менамояд, ки татбиқи воқеии он аз мавҷудияти кафолатҳои муассири ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ ва мурофиавӣ вобаста мебошад.

Дар зербоби якум диссертант масъалаи кафолатҳои таъмини ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро таҳлил намуда, таъкид мекунад, ки ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрванд ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқҳои конститутсионӣ буда, ҳадафи асосии онҳо таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ барои ҳар як шахс мебошад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки сиёсати ҳуқуқӣ-конститутсионии давлати иҷтимоӣ бояд ба ташаккули низоми мутавозин ва воқеӣ равона карда шавад, ки на танҳо эълони расмии ҳуқуқҳои иҷтимоиро таъмин менамояд, балки амалӣ гардидани воқеии онҳоро дар шароити суботи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ кафолат медиҳад. Ин вазифа ҳам танзими самараноки меъёрӣ ва ҳам мавҷудияти падидаҳои устувори татбиқ ва назорати иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоиро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, татбиқи пурраи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ бе ҳамгироии кӯшишҳои давлат ва ҷомеа ғайриимкон аст (саҳ.123).

Ҷиҳати муҳимми таҳлили муаллиф дар ин зербоб ҷудо намудани кафолатҳои махсуси ҳуқуқӣ мебошад. Диссертант кафолатҳои ҳуқуқиро ба кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, тартиботию ҳуқуқӣ, мурофиавӣ ва назоратӣ ҷудо менамояд. Кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ мазмун, асосҳо ва намудҳои таъминоти иҷтимоиро муайян намуда, доираи субъектоне, ки ба гирифтани нафақа, кумакпулӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва дигар шаклҳои дастгирӣ ҳуқуқ доранд, мушаххас месозанд (саҳ.139-140). Кафолатҳои тартиботию ҳуқуқӣ бошад, тартиби мурочиат, баррасии ариза, мухлати қабули қарор ва пешниҳоди хизматрасониҳоро ба низом медароранд.

Дар зербоби дуюм масъалаи роҳҳалҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки ҳеҷ як ҳуқуқи субъективӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, наметавонад мазмуни воқеӣ пайдо намояд, агар барои он роҳҳои самараноки ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда пешбинӣ нашуда бошанд. Аз ин рӯ, ҳимояи ҳуқуқ ба

таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи механизми амалисозии ин ҳуқуқ баррасӣ мешавад (саҳ.148).

Диссертант шаклҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро ба шаклҳои юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионӣ ҷудо менамояд. Шакли юрисдиксионӣ, пеш аз ҳама, ҳимояи судӣ ва тартиби маъмурии шикоятбарориро дар бар мегирад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.5.2 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти №1/4 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаб Рисолати Раҷабалӣ ба ихтисоси илмии 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Бо вуҷуди сатҳи зарурии илмӣ, навгонӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия, дар кори илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки метавонанд дар ҷараёни муҳокимаи илмӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд.

1. Муаллиф дар таҳқиқот мафҳум ва моделҳои давлати иҷтимоиро ба таври муфассал таҳлил намудааст. Бо вуҷуди ин, дар баъзе қисматҳо муқоисаи таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, махсусан дар самти тартиби маъмурии таъйин ва пардохти кумакҳои иҷтимоӣ, метавонист боз ҳам васеътар пешниҳод гардад.

2. Пешниҳоди муаллиф оид ба ворид намудани моддаи махсус «Шикоят аз қарори мақомоти ваколатдор» (саҳ.17) ба қонунҳои соҳавӣ муҳим ва қобили дастгирист. Ҳамзамон, дар рисола мумкин буд муҳлатҳои баррасии чунин шикоятҳо, мақоми дақиқи мақомоти болоӣ ва таносуби тартиби маъмурӣ бо ҳимояи судӣ муфассалтар асоснок карда шавад.

3. Дар боби сеюм масъалаи ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ таҳлил гардидааст, аммо истифодаи васеътари маводи мушаххаси амалияи судӣ, қарорҳои мақомоти маъмурӣ ва омори муроҷиатҳои шаҳрвандон метавонист ҷанбаи амалӣ ва эътимоднокии баъзе хулосаҳои пешниҳодшударо боз ҳам тақвият бахшад.

Эродҳои зикршуда бештар хусусияти тавсиявӣ ва баҳсталаб дошта, арзиши илмӣ ва аҳаммияти амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Онҳо метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ва ҳангоми такмили минбаъдаи мавзуъ ба назар гирифта шаванд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №2 аз 5-уми маи соли 2026 тасдиқ шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Элназаров Д.Х. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (аз рӯйи ихтисоси 5.5.2), мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра 10 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор”- 10, «зид» – нест,

«бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №10 аз 11–уми майи соли 2026 тасдиқ шудааст.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Кравченко О.В.**

**Ташхисгар:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор - мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Эльназаров Д.Х.**

**Котиб:** муаллимаи калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Умедов К.М.**

Имзои Кравченко О.В, Эльназаров Д.Х ва Умедов К.М. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳои Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Исмоилова М.Н.**

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, М.Турсунзода, 30; Тел.: +(992) 37 221-35-50; Факс. +(992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; www..tj.ru

11. 05. 2026